## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Чой Миҳи дар мавзуи “Тасвири забонии ҷаҳон дар паремияҳои забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ)**

Дар замони муосир омӯзиши забонҳои хориҷӣ рушд кардааст ва тавассути забон миллатҳои тамоми дунё аз фарҳангу тамаддун ва адабиёту таърихи ҳамдигар аз наздик шинос мешаванд, зеро фарҳангу тамаддун ва адабиёту таърих муаррифгари миллат ба ҳисоб меравад. Омӯзиши забон дар муқоиса ба забони дигар яке аз равандҳои мураккаб ба ҳисоб меравад, зеро зимни муқоиса як қатор мушкилиҳое рӯйи кор меоянд, ки дар ба даст овардани тарҷумаи комил мушкилиҳоро монеа эҷод мекунанд.

Яке аз хусусиятҳои асосии устувор будани таркиби луғавии забон ва рушд кардани он он, пеш аз ҳама, робитаи қавии забони тоҷикӣ бо забонҳои дигари дунё, аз ҷумла, бо забони куриёӣ, бо роҳи тарҷума кардану тарҷума шудани хусусиятҳои фарҳангии он ба шумор меравад.

Паремияҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ яке аз ҷузъҳои асосии забон маҳсуб ёфта, дар доираи забонҳои алоҳида таҳқиқоти зиёде бурда шудааст.

Боиси зикр аст, ки ҳувияти миллӣ ва фарҳангу тамаддун ба ташаккули шахсият як вокуниши табиист, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ба миён меояд. Дарки ҳувияти этнофарҳангии шахс танҳо дар сурати муқоисаи меъёрҳо, арзишҳо, қолабҳои рафтори ӯ бо дигар шаклҳои шабеҳ ба амал меояд, ки аз ҷониби диссертант ба таври муфассал нишон дода шудааст.

Аз ин рӯ, таҳқиқи муқоисавии забонию тарҷумаи паремияҳо дар мисоли тасвири забонии ҷаҳони забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ яке аз масъалаҳои мубрами илми забоншиносию тарҷумашиносӣ маҳсуб ёфта, аҳаммияти илмию амалиро касб намудааст, ки диссертатсияи Чой Миҳи ба он бахшида шудааст.

Таҳқиқи диссертатсионии мазкур таҳти унвони “Тасвири забонии ҷаҳон дар паремияҳои забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ” ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) мутобиқат мекунад.

Дар ҳама фасл ва зерфаслҳои диссертатсия, ки дар автореферат ба таври мушаххас оварда шудааст, масъалаҳои назарӣ дар такя ба осори илмии муҳаққиқони варзидаи тоҷик ва хориҷӣ бозбинӣ шуда, таҳқиқоти забоншиносию тарҷумашиносӣ вобаста ба истифодаи паремияҳо таҳлил гардидаанд ва марзгузорӣ дар тарҷумаи паремияҳо ба далелҳои муътамад баён гардидаанд, ки муҳиммияти мавзуи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Роҳҳои тарҷумаи паремияҳо пажӯҳиш карда шуда, бо мисолҳо аз асарҳои бадей таҳлил гардидаанд.

Гарчанде автореферат дар сатҳи баланди илмӣ таҳия шуда бошад ҳам, дар он баъзе камбудиҳои имлой ва техникиро мушоҳида кардан мумкин аст:

1. Агар истифодаи меъёри ҳаҷми фаслу зерфаслҳо дар автореферат риоя мешуд, арзиши кор зиёдтар мешуд;
2. Дар автореферат зимни нишон додани андешаҳои мутахассисони соҳа оид ба паремияҳо дар тасвири забонии ҷаҳон, ба пажӯҳишҳои варзидаи тоҷик кам таваҷҷуҳ зоҳир гаштааст;
3. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат камбудиҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд.

Албатта камбудиҳои дар автореферат ҷойдошта қимати илмии онро кам намекунанд ва ислоҳ намудани ин норасоиҳо дар таҳқиқоти минбаъда ба манфиати кор аст.

Мазмун ва мундариҷаи автореферат муҳтавои диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос намуда, тибқи талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, таҳия шудааст.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Чой Миҳи дар мавзуи “Тасвири забонии ҷаҳон дар паремияҳои забонҳои тоҷикӣ ва куриёӣ”, яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумаи ду забони муқоисашавандаро фаро гирифта, сохтор ва мундариҷаи он ба талаботи бандҳои 31-35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021310 – Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои филологӣ,
муаллими калони кафедраи тарҷума ва
грамматикаи забони англисии МДТ- и
“ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” **Усмонова Рухшона Раҳматовна**

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, вилояти Суғд
маҳаллаи 19, хонаи 29, ҳуҷраи 7
**Тел.:** (+992) 929733237
**E-mail:** usmonova.rukhshona@mail.ru

**Имзои Усмонова Р.Р.**-ро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ- и “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” **Сайдуллозода З.С.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд
гузаргоҳи Мавлонбеков, 1
**Телефон:** (992-3422) 6-75-18
**E-mail:** rector@hgu.tj

30.05.2026